آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

**28 марти соли 2026 Шанбе № 25 (15244)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МЕРОСИ ҒАНИИ ТАЪРИХӢ, ФАРҲАНГӢ ВА ИЛМИИ БУХОРО ҲАМЕША БОИСИ ҲАЙРАТИ АҲЛИ ҶАҲОН ГАРДИДААСТ

***Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 26-27 март бо сафари давлатӣ дар кишвари мо қарор дошт.***



Роҳбарони давлатҳо дар рӯзи дуюми сафар ёдгориҳои таърихии Бухорои бостониро зиёрат карда, бо фаъолияти корхонаҳои саноатӣ шинос шуданд.

Дар фурудгоҳи байналмилалии Бухоро роҳбари давлати мо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро пешвоз гирифт. Дар маросими ботантанаи истиқбол ба ифтихори меҳмони олиқадр суруд ва рақсҳои миллӣ иҷро шуданд.

Бухорои бостонӣ аз қадим бо сарватҳои нодири таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангии худ машҳур буда, тӯли асрҳо ҳамчун яке аз марказҳои фан, илми ислом ва маънавият шинохта шудааст. Ба маркази таърихии шаҳр, ки гузаштаи беш аз 2,5 ҳазорсола дорад, соли 1993 мақоми иншооти мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дода шудааст.

Меҳмони олимақом нахуст якҷо бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев мақбараи Баҳоуддин Нақшбандро зиёрат кард.

Ин маҷмӯа яке аз зиёратгоҳҳои муборакi ҷаҳони ислом ба ҳисоб меравад. Зиёратгоҳи мазкур дар маконе, ки асосгузори тариқати Нақшбандия Баҳоуддин Нақшбанд ба хок супурда шудааст, бунёд гардида, ҳоло мақбара, хонақоҳ, масҷидҳо, дахма ва осорхонаи таърихи тасаввуфро дар бар гирифтааст. Таъкид гардид, ки тамоюли накӯи таълимоти Баҳоуддин Нақшбанд – шиори «Дил ба ёру даст ба кор» инсонро ба меҳнатдӯстӣ ва покии рӯҳӣ даъват мекунад.

Сипас, ба мақбараи Сомониён ташриф оварданд. Ин ёдгории меъморӣ яке аз иншооти қадимтарини бо хишти пухта сохташудаи Осиёи Марказӣ мебошад. Он дар охири асри IX – ибтидои асри X аз ҷониби асосгузор ва нахустин амири давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ ҳамчун мақбараи сулолавӣ бунёд гардидааст.

Дар симои меъмории он на танҳо анъанаҳои исломӣ, балки унсурҳои пеш аз ислом, аз ҷумла нақшҳои хоси фарҳанги суғдӣ низ таҷассум ёфтаанд. Таъкид гардид, ки вобаста ба тарзи афтидани нурҳои офтоб, нақшҳои мақбара ба таври гуногун ҷило медиҳанд ва шакли мукааб ва гунбазии бино рамзи ҳамоҳангии Замин ва Осмон мебошад.

Ба туфайли деворҳои ғафс, ки қариб ду метр паҳно доранд ва сифати баланди хиштчинӣ, ин ёдгории нодир то имрӯз хуб ҳифз шудааст.

Ҳангоми зиёрати мақбараҳо Қуръон тиловат намуда, дуо карданд, ки руҳи гузаштагон шод ва дар кишвар осоишу фаровонӣ пойдор бошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон якҷо бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз Арки Бухоро, маҷмааҳои Пои Калон ва Лаби Ҳавз дидан карданд.

Арк қалъаи қадимаи Бухоро буда, қариб 1500 сол ҳамчун қароргоҳи ҳукмдорон хидмат кардааст. Биноҳои аввалинаш ба асрҳои IV-III пеш аз милод мансуб буда, намуди кунунии он асосан дар асри XVI ташаккул ёфтааст. Пештар он «шаҳр андар шаҳр» ба ҳисоб мерафт, ки қасрҳо, биноҳои маъмурӣ ва анборҳои силоҳро дар бар дошт. Гуфта шуд, ки дар асрҳои миёна дар ин ҷо мутафаккирони бузург, аз ҷумла Рӯдакӣ, Ибни Сино ва баъдтар Умари Хайём зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Маҷмааи Пои Калон ҳамчун яке аз ансамблҳои бузургтарин ва маъруфи меъмории Бухоро дар меҳмонони тоҷикистонӣ шавқи зиёд бедор кард. Он манораи машҳурро, ки соли 1127 сохта шудааст ва 45,6 метр баландӣ дорад, масҷиди ҷомеъро, ки дар соли 1514 бунёд гардида, барои 12 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст, инчунин, мадрасаи Мири Араб – яке аз муассисаҳои бонуфузтарини таълимии ҷаҳони исломро дар бар мегирад. Галереяи иборат аз 288 гунбаз, ки ҳавлии масҷидро иҳота кардааст, садҳо сутун ва акустикаи нодир ба маҷмаа шукӯҳу шаҳомати хос мебахшанд.

Ансамбли Лаби Ҳавз яке аз майдонҳои нодири асримиёнагӣ дар Бухоро мебошад, ки то имрӯз ҳифз шудааст ва дар маркази он ҳавзи қадима ҷойгир аст. Тӯли асрҳо сокинони шаҳр барои истироҳат, суҳбат ва тиҷорат ба ин ҷо омадаанд. Ба таркиби маҷмаа мадрасаи Кӯкалдош, мадрасаи Нодир Девонбегӣ ва хонақоҳ дохил мешаванд.

Роҳбари Тоҷикистон ба ҳамоҳангии бадеии ҳар як ёдгории таърихӣ, намунаҳои ҳунармандии миллӣ ва экспонатҳои таърихӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуд. Ба меҳмони олиқадр дар бораи хусусиятҳои хоси услуби меъморӣ, инчунин маъно ва моҳияти нақшу рамзҳо маълумоти муфассал дода шуд.

Ин қадамҷойҳо, ки аз таърихи ғании Бухоро, мавқеи он дар Роҳи бузурги абрешим ва саҳми калонаш дар рушди илму фан ва фарҳанг ҳикоя мекунанд, дар ҳайати намояндагони Тоҷикистон таассуроти амиқ гузоштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳ бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо имкониятҳои саноати сабуки кишвари мо шинос шуд.

Роҳбарони давлатҳо аз фабрикаи «Нигора», ки дар ҳайати кластери пахтаю нассоҷии «Мергантекс»-и вилояти Бухоро фаъолият мекунад, боздид намуданд.

Фабрика дар доираи лоиҳаи дорои арзиши умумии 35 миллион доллар ташкил гардида, тамоми занҷири муттасили истеҳсол – аз коркарди ашёи хоми пахта то истеҳсоли матоъ ва либоси тайёрро ба роҳ мондааст.

Маҳсулоти дӯзандагӣ, трикотаж ва либоси тайёре, ки таҳти тамғаи тиҷоратии «Шоҳигул» истеҳсол мешаванд, асосан ба мамлакатҳои Аврупо, бахусус, Италия, Австрия, Британияи Кабир ва Олмон содир мегарданд. Дар ин ҷо 840 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

Таҷҳизоти муосири баландтехнологии корхона, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд, аз Чин, Олмон ва Белгия оварда шудаанд. Дар марҳилаи дуюм роҳандозии истеҳсоли наххои синтетикӣ ва маҳсулоти тайёри онҳо пешбинӣ шудааст.

Меҳмонони баландпоя аз толори намоиши корхона ва намоишгоҳи маҳсулоти тайёр боздид карданд.

Сифати маҳсулоти фабрика, ки соле ба маблағи 10 миллион доллар содир мегардад, аз ҷониби ҳайати намояндагони Тоҷикистон баланд арзёбӣ шуд.

Президентҳо аҳамияти густариши ҳамкорӣ миёни корхонаҳои пешрафтаи мамлакатҳоро таъкид намуданд.

Пас аз анҷоми чорабиниҳо, дар фурудгоҳи байналмилалии Бухоро меҳмони олимақомро Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев гусел кард.

Бо ҳамин, сафари роҳбари давлати мо ба Бухоро анҷом ёфт.

**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбирони ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ВОҚЕАИ МУҲИМИ МИНТАҚА

***Дар шароити равандҳои амиқрафти геосиёсӣ ва иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ таҳкими эътимод, некҳамсоягӣ ва шарикии стратегӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Гуфтушунидҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар қароргоҳи «Кӯксарой» ва ҷамъомади нахустини Шӯрои олии байнидавлатӣ барои минтақа воқеаҳои муҳим гардиданд.***



Солҳои охир ҳамкориҳои тарафайни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон муттасил ривоҷ меёбанд. Мулоқот дар сатҳи парлумонҳо, ҳукумат ва идораҳо ҷиҳати мунтазам пайдо карданд, ки барои вусъат додани робитаҳои иқтисодӣ ва инсонпарварӣ пойгоҳи мустаҳкам фароҳам меоваранд. Ҷамъомади Комиссияи байниҳукуматӣ, намоишгоҳи саноатӣ ва анҷуманҳо самти амалии ин ҳамкориҳоро собит намуданд. Рӯзҳои фарҳанг ва кино низ дар таҳкими қаробати маънавӣ саҳми бузург мегузоранд.

Дар соҳаи иқтисодӣ ҳам натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд. Ҳаҷми мубодилаи мол ба 1 миллиард доллар наздик шуд. Ҷонибҳо ният доранд, ки ин нишондиҳандаро то соли 2028-ум ба 2 миллиард доллар расонанд. Кооператсияи саноатӣ аз ҷумлаи самтҳои асосӣ боқӣ мемонад. Лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои сохтмон, хоҷагии қишлоқ, бофандагӣ, электротехника ва дорусозӣ ба рушди иқтисодиёт ва фароҳам омадани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамоянд.

Инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ инкишоф меёбад. Хатсайрҳои мунтазами авиатсионӣ ба роҳ монда шуданд, рафтуои автобусҳо ва хатсайрҳои роҳи оҳан амал мекунанд. Татбиқсозии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаи сохтмони маркази савдои сарҳадии «Ойбек — Фотеҳобод» ва бозсозии инфрасохтори сарҳадӣ тақозо доранд, ки робитаҳои тиҷоратӣ пурзӯр карда шаванд. Ҳамкорӣ дар соҳаҳои захираҳои об ва энергетика, вусъат додани мубодилаҳои башардӯстона, таълимӣ ва илмӣ аҳамияти стратегӣ доранд.

Пешбинӣ мегардад, ки харитаи амалиёт оид ба натиҷаҳои ҷамъомади Шӯрои олии байнидавлатӣ воситаи асосии татбиқ намудани муоҳидаҳои баимзорасида мегардад.

Мулоқоти ошкоро ва амалии байни сарони ду мамлакат асоси сиёсии шарикиеро, ки ба таъмин кардани эътидол ва рушди устувори минтақа нигаронида шудаанд, мустаҳкам намуд.

**Шуҳрат АРСЛОНОВ,**
**узви Кумитаи Сенати Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои ҷавонон, занон, фарҳанг ва варзиш.**

*Муносибат*

# ЗИНАИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАРОДАРОНА

***Халқҳои ӯзбек ва тоҷикро таърихи умумӣ, суннатҳои ҳаммонанди маънавӣ, эҳтироми тарафайн, ҳамсоягиҳои неки бисёрасрина пайванд мекунанд. Солҳои охир муносибатҳои байни ду давлат дар пояи тамоилҳои эҳтироми дуҷониба, шарикии стратегӣ муттасил ривоҷ меёбанд. Туфайли иродаи сиёсии роҳбарони давлатҳо муносибати байни кишварҳоямон ба зинаи сифатан нав бардошта шуд.***

Дар рушди риштаҳои бародарӣ ба комёбиҳои бемисл муваффақ гардидем, робитаҳои дуҷониба ба дараҷаи назаррас фаъолтар шуданд. Ба имзо расидани муоҳидаи байни Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон оид ба нуқтаи пайвасти ҳудудҳои давлатии се кишвар барои беҳтар шудани муносибатҳои ҳамсоягии нек роҳи васеъ кушод.

Барои мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳамсоягии нек, эътимоди тарафайн ва ҳамаҷониба дастгирӣ намудани инкишофи барқарори минтақа баённомаи муштарак қабул карда шуд. Муоҳидаҳои баимзорасида барои ҳаллу фасли масоили бисёрсолаи сарҳад, мустаҳкам намудани истиқрор ва шарикӣ дар Осиёи Марказӣ қадами муҳим гардиданд.

Суръати устувори мусбӣ дар савдои тарафайн ба эътирофи махсус сазовор мебошад.

Робитаҳои байнипарлумонии ду кишвар низ солҳои охир хеле фаъолтар гардиданд. Сафарҳои тарафайни ҳайатҳои парлумони ду мамлакат хусусияти доимӣ касб намуда, иртибот дар доираи гурӯҳҳои дӯстонаи парлумонҳо фаъолона инкишоф меёбанд.



Мувофиқи таклифи роҳбари давлати мо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафари давлатӣ ба Ӯзбекистон омад, ки он дар муносибати байни халқҳои ӯзбек ва тоҷик баробари саҳифаи нав кушодан, баҳри беш аз пеш мустаҳкам шудани дӯстии бисёрасрина, ҳамсоягии нек ва эҳтироми тарафайн боз як қадами муҳим гардид.

Бахусус, таҳти сарварии роҳбарони ду давлат ҷамъомади нахустини Шӯрои олии байнидавлатӣ баргузор шуд, ки нафақат ба мувофиқ сохтани рӯзномаи ҷорӣ, балки ташаккул додани истиқболи ҳамкориҳои дарозмуҳлат, ба зинаи сифатан нав бардоштани ҳамкориҳои дуҷониба имкон фароҳам овард.

Самтҳои нави ҳамкории ҳамаҷониба муҳокима шуданд, роҳҳои имкониятҳои ҳанӯз истифоданашуда таҳлил гардиданд. Баҳри мустаҳкам кардани ҳамкории барои ҳар ду ҷониб муфид, ки ба таҳкими ҳамкориҳои судманди Ӯзбекистону Тоҷикистон суръати баланд мебахшанд, як қатор қарорҳои муҳим қабул шуданд. Ин дар навбати худ, ба пешрафти иқтисодӣ, зиёд кардани ҳаҷми савдо, афзун намудани корхонаҳои муштарак имкон медиҳад.

Аз тариқи эътимоди тарафайн ва ҳамҷиҳатӣ дӯстии байни ду халқ беш аз пеш мустаҳкам гардида, истиқрори ҳудудӣ таъмин мешавад. Аз ҳама муҳимаш ҷамъомади мазкур ва қарорҳое, ки дар он қабул шуданд, ҳамкориҳои тарафайни Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро ба зинаи нав мебардоранд. Ин бошад, барои пешрафти иқтисодии ҳар ду давлат, фаровонҳолии аҳолӣ ва тараққиёти минтақавӣ таъсири мусбат мерасонад.

Дар ҷамъомад савдои тарафайнро то соли 2030-юм ба 2 миллиард доллар расондан пешбинӣ гардид. Ин барои зиёд кардани ҳаҷми содирот ва воридот, кушодани бозорҳои нав ва васеъ намудани истеҳсолот такони хуб мегардад. Маълум аст, ки тиҷорат афзояд, корхонаҳо маҳсулоти бештар истеҳсол мекунанд. Ин, дар навбати худ, боиси фароҳам омадани ҷойҳои нави корӣ ва афзудани даромади аҳолӣ мегардад.

Ҳамкориҳо дар энергетика, идораи захираҳои об, нақлиёт ва бисёр соҳаҳои дигар ҳамаҷониба баррасӣ шуданд ва истиқболи онҳо мушаххас гардиданд.

Дар давоми ташриф роҳбарони давлатҳо дар маросими ба кор андохтани лоиҳаҳои бузурги кооператсионӣ низ иштирок карданд, дар натиҷа 10 лоиҳаи муштарак ба кор гузошта шуд. Пӯшида нест, ки ин бобати боз ҳам васеъ кардани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии байни ду кишвар суръати нав мебахшанд.

Умуман, ташрифи мазкур нафақат барои мустаҳкам кардани муносибатҳои дуҷониба, балки боз дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин сохтани сулҳу салоҳ, истиқрор ва тараққиёти мунтазам низ аҳамияти махсус дорад.

**Имомназар ТУРСУНОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ФОРУМЕ, КИ ДЎСТИИ ҶАВОНОНРО ДАР ХУД МУҶАССАМ НАМУД

***Дар Кохи эҷоди ҷавонони пойтахт маросими кушодашавии форуми созмонҳои ҷавонони Ўзбекистон ва Тоҷикистон баргузор гардид. Бояд гуфт, ки ин чорабинӣ дар таҳкими минбаъдаи дўстии байни ҷавонони ду кишвари ҳамҷавор ва равобити ҳамкории стратегӣ аҳамияти бузург дорад.***

Дар он намояндагони Агентии кор бо ҷавонон, аъзои парламенти ҷавонон, модераторone, ки дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ натиҷаҳои баландро ба даст овардаанд, гурўҳи ҷавононе, ки аз Тоҷикистон ташриф овардаанд, инчунин, вакилони тиҷоратӣ, ки дар соҳаи IT фаъолият мебаранд, иштирок карданд.

Дар оғози чорабинӣ дар бораи муносибатҳои ҳамкории гуногунҷабҳаи байни ду кишвар навори кўтоҳ намоиш дода шуд. Сипас, ҷонишини раиси Шўрои марказии Иттифоқи ҷавонони Ўзбекистон Қодирҷон Асадов меҳмононро хайрамақдам гуфта, дар фаъолияти иштирокдорони форум комёбиҳо таманно намуд. Дар навбати худ муовини раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Умедҷон Раҳимзода дар бораи дурнамои рушди ҳамкории ҷавонони ду кишвар изҳори назар намуд.

Дар форум ба масъалаи технологияҳои муосир диққати махсус дода шуд. Бахусус, мутахассиси тоҷикистонӣ Тоҳир Саидзода дар баромади худ дар бораи истифодаи васеъ аз зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти имрўза сухан кард. Аз ҷумла, роҷеъ ба иловаи «Ameena», ки истеҳсоли ширкати муҳандисии «Саидзода» мебошад, маълумот дод ва мувофиқи барномаи мазкур бо кумаки зеҳни сунъӣ созмон додани имконияти омўзиши забонҳои ҷаҳонӣ ва халқҳои бародарро таъкид намуд. Боз яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар форум мавриди баррасӣ қарор гирифт, тарғиби тарзи ҳаёти солим буд. Намояндаи ташкилоти ғайридавлативу ғайритиҷоратии «Ҳамсол бо ҳамсол» Нигора Валихўҷаева дар мавриди баланд бардоштани фарҳанги тиббӣ байни ҷавонон, ба тарзи солимии ҳаёт сафарбар намудани онҳо ва дар ин бора вусъат додани ҳамкории байналхалқиро таъкид намуд.

Дар анҷоми чорабинӣ иштирокдорон бо мақсади мустаҳкам намудани риштаҳои дўстӣ бо ҳам аз наздик шинос шуданд. Дар доираи рўзи аввали форум меҳмонон шаҳри Тошкандро тамошо карданд ва барномаи меҳмондорӣ ташкил шуд.

Хулоса, чорабинии мазкур на танҳо барои мустаҳкам намудани робитаҳои байни ҷавонон, балки ба зинаи нав баровардани муносибатҳои дўстонаи ҷавонони ду давлат хидмат хоҳад кард.

Форум 28 март кори худро анҷом медиҳад.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МУКОФОТ МУБОРАК!

***Таҷлили Наврўзи оламафрўз дар диёри мо идома дорад. Баргузории Рўзҳои маданияти Тоҷикистон дар ҷумҳуриамон, хоссан ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мамлакати мо Наврўзро боз ҳам пуршукўҳтар намуд.***



26 март саҳн ва гирду атрофи бинои Вазорати фарҳанги Ўзбекистон аз ҳаррўза серфайзтар ба чашм метофт. Гуфтугўи фарҳангии ўзбекону тоҷикон шавқбахш, сермазмун ва пурмуҳтаво сурат гирифт.

Дар доираи чорабинӣ намояндагони соҳаи фарҳанги ду кишвар барои хидматҳои арзанда дар рушди ҳамкории ҳамаҷониба ва муносибатҳои дўстонаи ҳамсоягӣ, бахусус саҳми арзанда дар рушди муносибатҳои фарҳанги ду давлат бо орденҳои «Дўстлик» ва «Дўстӣ» қадрдонӣ карда шуданд.

Аз ҷумла, барои саҳми арзанда дар рушди муносибатҳои фарҳангӣ байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон роҳбари Маркази миллии мадании тоҷикони ҷумҳурӣ Гуландом Субҳонова бо ордени «Дўстӣ»-и Тоҷикистон, ҳамзамон барои хидматҳои сазовор дар рушди ҳамкории ҳарҷониба ва муносибатҳои дўстонаи ҳамсоягӣ байни ду кишвари ҳамҷавор, тарғиби мусиқии аҷдод, ки барои ҳарду халқ то андозае муштарак аст, роҳбари ансамбли шашмақоми «Нури ниёгон»-и ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғди Тоҷикистон Шуҳратҷон Набиев (писари Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Ҷўрабек Набиев) бо ордени «Дўстлик»-и Ўзбекистон мукофотонида шуданд.

Навъе таъкид гашт, ин гуна тақдирсозиҳо ҷиҳати фаъолияти бисёрсола ва самараноки эҷодӣ, саҳм дар рушд ва тарғиби фарҳанг, иштироки фаъолона дар рўнамоии мероси бойи фарҳангиву маънавӣ дар доираи байналхалқӣ дар бародари рўҳбаландии бузург бахшидан ба шаҳрвандони фидоии ду кишвар ба боз ҳам мустаҳкамтар шудани риштаҳои дўстӣ байни бародархалқҳо мусоидат хоҳад намуд.

Мо аз номи алоқамандони «Овози тоҷик» роҳбари Маркази мадании тоҷикони ҷумҳурӣ Гуландом Субҳоноваро бо мукофоти арзишманд муборакбод менамоем.

**Ш. МУҲАММАД**

# НАМОИШИ ИҚТИДОРИ САНОАТИИ ДУ МАМЛАКАТ

***26-27 марти соли ҷорӣ дар пойтахти кишвар намоишгоҳи муштараки байнисоҳавии Ўзбекистон – Тоҷикистон гузаронида шуд.***




Дар маросими кушодашавии чорабинӣ, ки бо ташаббуси Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ҷумҳурии Ўзбекистон дар маҷмааи намоишии CAEx доир гардид, вазири сармоягузорӣ, саноат ва савдои кишварамон Лазиз Қудратов, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода ва вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир иштирок карданд.

Дар ҳамоиш таъкид гардид, ки ҳоло муносибатҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон пайваста рушд ёфта, ба сатҳи шарикии стратегӣ расидаанд. Боиси эътироф аст, ки робитаҳои ду кишвари бародар на танҳо дар сатҳи сиёсӣ, балки дар самтҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дипломатӣ низ густариш меёбанд.

Муҳим он аст, ки ин намоишгоҳ низ дар муаррифии иқтидори саноатии ҳар ду кишвар ба майдони асосӣ табдил ёфтааст. Дар намоишгоҳ, ки масоҳати 1300 метри мураббаъро дар бар мегирад, аз ҷониби кишвари мо беш аз 180 ширкат оид ба 15 соҳа, аз ҷумла нассоҷӣ, электротехника, фарматсевтика ва автомобилсозӣ, зиёда аз 450 навъи маҳсулотро пешниҳод мекунанд. Аз ҷониби Тоҷикистон бошад, зиёда аз 30 ширкат оид ба 10 соҳа тақрибан 200 навъи маҳсулотро ба намоиш гузоштаанд.




– Дар доираи мулоқотҳои навбатии роҳбарони ду давлат марҳилаи нав оғоз меёбад, яъне корхонаи нав боз гардида, ҷойҳои нави корӣ офарида мешаванд, – иброз дошт муовини директори корхонаи муштараки «Artel Electronics» оид ба истеҳсолот Аббос Имомалиев. – Дар натиҷа гардиши маҳсулот, инчунин, навъҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда меафзояд. Ҳоло мо 9 навъи маҳсулот истеҳсол мекунем ва дар оянда истеҳсоли 15 намуди маҳсулот ба нақша гирифта шудааст. Арзиши умумии лоиҳаи корхонаи нав 15 миллион доллари амрикоӣ буда, дар истеҳсоли техникаи маишӣ марҳилаи муҳим хоҳад буд.

Бояд гуфт, ки намоишгоҳ ба таҳкими ҳамкории саноатии Ўзбекистон ва Тоҷикистон нигаронида шудааст. Тибқи барномаи чорабинӣ вохўриҳои B2B ва G2B доир гардиданд, имкониятҳои содиротӣ муаррифӣ шуданд, инчунин оид ба бастани шартномаҳои қатъии тиҷоратӣ ва созишномаҳои дарозмуҳлати ҳамкорӣ байни субъектҳои хоҷагидории ду мамлакат музокирот анҷом ёфтанд.

**Гўзал САТТОРОВА,**
**мухбири ЎзА.**
**Суратгир: С. ЎРМОНОВ (ЎзА).**

# ШАҲРВАНДОНИ АВФШУДА БА ҲАЁТИ СОЛИМ БАРМЕГАРДАНД

***Тибқи Фармони Президент 3 нафар сокини ноҳияи Шеробод, ки ҷазои маҳрум гардидан аз озодиро адо менамуданд, пеш аз анҷоми муҳлати ҷазо авф карда шуданд.***

Бо мақсади мутобиқсозии дубораи ин шаҳрвандон ба ҷомеа, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва бо шуғл фаро гирифтани онҳо, бо ҳамкории шуъбаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, иттиҳодияи тиббӣ, Агентии хидматрасонии иҷтимоии «Инсон» ва дигар ташкилотҳои масъули ноҳия тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардиданд.

Дар рафти чорабиниҳо шаҳрвандони авфшуда аз муоинаи тиббӣ гузаронида шуда, ба онҳое, ки ба табобат ниёз доштанд, ёрии амалӣ расонида шуд. Ҳамчунин барои шаҳрвандони бекор ҷиҳати таъмин бо ҷойи кор чораҳо андешида шуданд.

Чунин чорабиниҳо барои пайдо кардани ҷойгоҳи худ дар ҷомеа ва ба роҳ мондани ҳаёти солиму устувор ба шаҳрвандони авфшуда кумак мерасонанд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

***Солҳои охир дар кишвари мо дар самти татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи саноати кўҳу кон ва геология, рушди устувори базаи ашёи хоми маъдан, ҷалби сармоя, кашфи конҳои нави маъданҳои фоиданок ислоҳоти пайваста амалӣ мегардад.***

# 42 ҚИТЪАИ МАЪДАНИ ФОИДАНОК ОШКОР ГАРДИД

Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Вазорати саноати кўҳу кон ва геология оиди натиҷаҳои бадастомада дар соли гузашта, ислоҳот ва афзалиятҳои оянда нишасти матбуотӣ ба амал омад.

– Соли 2025 оид ба рушди устувори заминаи ашёи хоми маъданӣ, кашфи конҳои нав ва ба вуҷуд овардани харитаи геологии миёна ва калон як қатор корҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба анҷом расиданд. Аз ҷумла, харитаҳои комплексии рақамии геологии майдони ҷумҳурӣ дар миқёси 1:200 000 пурра ташкил намуда ва пойгоҳи ягонаи маълумот сохта шуд. Дарвоқеъ, дар соли гузашта дар мамлакатамон таҳқиқоти космогеологӣ ва геокимёвӣ, инчунин корҳои васеи аэрогеофизикӣ ва дар як қатор минтақаҳои кўҳӣ таҳқиқоти геологии минтақавӣ ба анҷом расид, – гуфт муовини вазири Вазорати саноати кўҳу кон ва геология Ўрал Юсуфов. – Дар натиҷаи корҳои иҷрошуда, 42 қитъаи ояндадор барои маъданҳои фоиданок ошкор гардид. Аз ҷумла, конҳои нави эҳтимолии тилло, мис, металҳои ранга ва нодир муайян карда шуданд. Дар доираи барномаи давлатӣ ҳамагӣ 289 лоиҳаи геологӣ амалӣ гашта, ки барои онҳо 2,9 триллион сўм ҷудо карда шуд. Дар доираи ин лоиҳа 3 миллион метр корҳои пармакунӣ, зеризаминӣ ва кушоди кўҳӣ, инчунин иктишофи сейсмикии 2D ва 3D иҷро карда шуданд.

Дар натиҷа, 19 кони нави ояндадори нафту газ омода карда ва дар як қатор минтақаҳо конҳои конденсати газ ошкор гардид. Комиссияи давлатии захираҳои маъданҳои фоиданок дар маҷмўъ 50 захираи маъданҳои фоиданокро тасдиқ кард, ки 33-тои он конҳои навкашфшуда мебошанд.

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки бо мақсади ба зинаи нав баровардани корҳои ҷустуҷўи геологӣ ва ҷалб намудани техникаю технологияи муосири ҷаҳонӣ истифодаи техникаи аэрогеофизикӣ ва дрон ҷорӣ карда шудааст. Дар натиҷа, арзиши аслии кор арзон, вақт сарфа ва самараи кор якчанд маротиба баланд гардид.

Намунаҳое, ки дар натиҷаи корҳои ҷустуҷўи геологӣ гирифта шудаанд, дар сеххои суфтакунӣ коркард шуда, барои таҳлил ба лабораторияҳо фиристода мешаванд. Дар лабораторияҳо бо таҷҳизоти ҳозиразамон таҳлилҳо гузаронида, хулосаҳо мебароранд.

Дар соли 2026 дар асоси татбиқи Барномаи давлатии «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» боз ҳам вусъат додани корҳои иктишофии геологӣ ва ташкили корҳои соҳа дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, васеъ намудани намудҳои хидматрасонӣ оид ба корҳои пармакунӣ ва технология, рушди корҳои геофизикӣ, моделсозӣ, навсозӣ ва татбиқи иқтидори геофизикӣ, инчунин дар равандҳои истеҳсолот ҷорӣ намудани таҷриба ва усулҳои пешқадам низ ба нақша гирифта шудааст.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# БАРАКАТИ ЗАМИНИ НАЗДИҲАВЛӢ

***Дар шароити иқтисодии имрўза афзудан ба даромади аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ яке аз масъалаҳои муҳими рўз ба ҳисоб меравад. Дар ин самт аз ҷониби ҳукумати кишвар тадбирҳои зиёде андешида шуда, барои рушди соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардум имкониятҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд. Қабули як қатор қарорҳо ва фармонҳо барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба аҳолӣ ва дастгирии соҳибкории хурду миёна мусоидат менамояд.***

Дар чунин шароит истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Заминҳои наздиҳавлӣ дар деҳот яке аз манбаъҳои муҳим ва доимии таъмини даромади оилаҳо ба шумор мераванд. Аксари сокинон аз ин имконият самаранок истифода бурда, дар ҳавлӣ дарахтони мевадиҳанда мешинонанд, токпарвариро ба роҳ мемонанд, сабзавоту маҳсулоти полизӣ, инчунин чорво ва парранда парвариш менамоянд.

Дар деҳа одамони бекор кам ба назар мерасанд. Аксарият дар заминҳои худ бо деҳқонӣ ва боғдорӣ машғуланд. Онҳо на танҳо эҳтиёҷи оилаашонро бо сабзавоту мева, ғалладона, ангур ва маҳсулоти чорво таъмин мекунанд, балки қисми зиёдатии ҳосилро ба бозор мебароранд ва ҳатто ба хориҷи кишвар содир мекунанд. Дар ин самт сокинони вилояти Намангон низ фаъолияти назаррас доранд.

Сокинони маҳаллаи Наврўзи ноҳияи Намангон асосан ба гулпарварӣ машғуланд. Зиёда аз 52 фоизи аҳолии маҳалла ба ин соҳа ихтисос ёфтааст. Даромади солонаи ҳар як хонадон ба ҳисоби миёна 120-130 миллион сўмро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, Ойбек Нуриддинов дар 70 сотих замини қаблан бекорхобида кластери «Ҳусанбой Фирдавс гуллари»-ро ташкил намуда, 20 нафарро бо ҷойи кор таъмин кардааст. Дар ин ҷо намудҳои гуногуни гулҳои маҳаллӣ ва инчунин навъҳои зебои аз хориҷи кишвар воридшуда парвариш карда мешаванд.

Муҳаммадисоқ Сўфиҷонов аз ноҳияи Янгиқўрғон низ бо деҳқонӣ машғул аст. Ў дар маҳаллаи Обод зиндагӣ мекунад. Соли гузашта дар 8 сотих замини наздиҳавлии худ гармхона бунёд намуда, лимон парвариш кард. Имсол бошад, боз дар 4 сотих замин гармхонаи иловагӣ сохта, дар он лимў, помидор, бодиринг ва кабудиҳо парвариш мекунад.

– «Меҳнат кунӣ, роҳаташро мебинӣ», мегўянд. Дар ҳақиқат, мо бо чаҳор нафар аъзои оилаамон дар ин гармхонаҳо меҳнат мекунем. Соли гузашта аз ин кор 40 миллион сўм даромад гирифтем, – мегўяд Муҳаммадисоқ Сўфиҷонов.

Сокинони маҳаллаи Соҳилободи ноҳияи Тўрақўрғон низ ба боғдорӣ машғул шуда, хоҷагиҳои худро рушд медиҳанд. Токзорҳои васеъ, боғҳои шафтолу ва бодом барои сокинон манбаи даромад гардида, ҷойҳои нави корӣ фароҳам меоранд. Дар натиҷа, дар ин маҳалла оилаҳои камбизоат хеле каманд. Ҳоло бошад, парвариши қулфинай бо усулҳои муосир низ рушд ёфта истодааст.

Аминахонмомо Айюбоваи 76-сола дар 10 сотих замини наздиҳавлии худ гармхона ташкил намуда, бо парвариши қулфинай машғул аст.

– Вақте ки гармхонаро бори аввал ташкил кардем, помидор ва бодиринг парвариш мекардем, – мегўяд ў. – Се сол мешавад, ки бо усули гидропоникӣ қулфинай парвариш мекунем ва ҳосили фаровон мегирем. Ин усул хеле самарабахш будааст. Моҳи октябр ниҳол мешинонем ва қариб тамоми сол ҳосил мегирем. Дар ҳар фасли сол харидорон аз хонаамон кам намешаванд. Набераам Муҳаммадҷон ба ман ёрӣ мерасонад. Ҳоло қулфинай пухтааст ва дар бозори дохилӣ бо нархи 180-200 ҳазор сўм фурўхта мешавад. Даромади солона ба 60-70 миллион сўм мерасад.

Музаффарота Ғаниев аз ноҳияи Косонсой низ яке аз деҳқонони таҷрибадор ба шумор меравад. Ў дар 16 сотих замини наздиҳавлии худ сабзавот ва дарахтони мевадиҳанда парвариш карда, ба оила барака меорад. Дар гармхона бошад, лимў ва қулфинай парвариш мекунад. Илова бар ин, дар кунҷи ҳавлӣ молхона бунёд карда, зиёда аз 10 сар чорвои калони шохдор нигоҳубин менамояд. Ҳамаи ин ба даромади оила саҳми назаррас мегузорад.

Ғайр аз ин, бисёр деҳқонон дар зери ниҳолҳои лимў кабудиҳои гуногун парвариш карда, онҳоро ба бозор мебароранд.

Таҷрибаи сокинони вилояти Намангон нишон медиҳад, ки истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои наздиҳавлӣ метавонад ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, афзоиши даромади оилаҳо ва таъмини бозор бо маҳсулоти тару тоза мусоидат намояд.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
**вилояти Намангон.**

# МУТАРҶИМИ ХУШСАЛИҚАИ «ВАҚОЕЪНОМАИ АСРИ XIX»

Вақте ба адиб, мутарҷим ва рӯзноманигори варзида Бахтиёр Муртазоев дар бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон рӯбарӯ омадем, фикр кардам вай пайи коре ба ин идора омада. Баъд фаҳмам дар ин ҷо кор мекунад. Адиби куҳансол ба Шӯрои очерку публитсистика сару бар аст.

Номи ӯ аз бачагӣ бароям шинос – солҳое, ки чун очеркнавис ва мутарҷим маълум ва машҳур буд, мактабхон будам. Ва ҳоло – дар даврае ҳам, ки синну солам ба ҷое расида, ӯ ҳанӯз дар саф! Порсол ҳаштодупанҷсолагиашро таҷлил карданд. Лекин бақувват аст. Нури шуҷоат ва меҳнатдӯстӣ дар гуна ва дидааш барқ мезанад.

Вай маро ба дафтари кориаш бурд. Суҳбат кардем. Бознашри «Сурх ва сиёҳ»-и ба тоҷикӣ баргардондаашро, ки аз шоҳасарҳои адиби фаронсавӣ Стендал аст, бо соядаст туҳфа намуд.

Замонҳое як асари нависандаи ӯзбек Хайриддин Султоновро низ ба тоҷикӣ тарҷума карда будааст.

Гуфт, ки зодгоҳи ман Қубодиён дар ҳамсоягӣ бо Ӯзбекистон ҷойгир аст, қариб ҳамбому ҳавоем. Бародархалқҳо аз қадим паҳлу ба паҳлу кору зиндагӣ мекунанд, некҳамсоягиву равуо дар давраи нави таърихӣ барқарор ва риштаҳо мустаҳкамтар мешаванд.

Бобои модарии Бахтиёрака Мулло Хоҷа таҳсилкардаи мадрасаи Бухоро будаанд... Падараш низ аҳли зиё – муаллими мактаби деҳа буд, ки баъдтар ба сифати мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Қубодиён низ адои вазифа кардааст.

Бахтиёр Муртазоев баъди хатми факултаи филологии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳамчун рӯзноманигор ба фаъолияти мустақилона оғоз кард. Навиштаҳои худро аз назари фарзанди Чусти бостон Мутеъулло Наҷмиддинов, ки аз ливобардорҳои очерк ва публитсистикаи тоҷик дар он рӯзгор буд, мегузаронд ва эълон менамуд. Хусусан, ба маҷаллаи «Садои Шарқ» аз наздик ҳамкорӣ мекард.

Солҳое, ки донишҷӯ будем, яке аз серхонандатарин рӯзномаҳо «Комсомоли Тоҷикистон» ба шумор мерафт. Баробари ҷавонон калонсолон низ онро бо шавқ мутолиа менамуданд. Сармуҳарририи рӯзномаро Бахтиёр Муртазоев дар ӯҳда дошт.



Ӯ сонитар ҳамчун муҳаррири шуъбаи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», муҳаррири шуъбаи публитсистикаи маҷаллаи «Садои Шарқ», ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум», сармуҳаррири нашрияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон «Минбари халқ» фаъолият бурдааст.

Муддати чаҳор сол (солҳои 1969–1973) ба ҳайси тарҷумон ва чаҳор соли дигар (1979–1982) чун афсар дар Афғонистон хидмат намудааст.

Мавсуф ҳанӯз аз давраи ҷавонӣ қалами хуби нависандагӣ дошт. Дар тӯли фаъолияти эҷодӣ баробари очерк ва публитсистика қисса ва ҳикоёти зиёд низ навишт ва чоп кунонд. Соли 1983 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд.

Навиштаҳояш дар навъ ва жанрҳои гуногун дар «Боғбони гули кӯҳӣ», «Қасидаи бародарӣ», «Ҷонбохтаи Роҳатӣ», «Чанор дар Солони», «Ҷӯйи Навдиз», «Эҳёи Бешканд», «Чашмаи офтоб», «Ман чароғ афрӯхтам», «Нақби истиқлол», «Нӯҳ чанори Балҷувону Баҳманрӯд», «Ҷавпазак» ном маҷмӯаҳо ба дасти хонандагон расиданд.

Ба таъкиди рӯзноманигор Бузургмеҳри Баҳодур «Устод Бахтиёр Муртазоев ягона адиб ва публитсист аст, ки дар тӯли панҷоҳ сол барои ҳамаи ҷаридаҳои Тоҷикистон, аз «Ҷумҳурият», «Минбари халқ», «Садои мардум» то «Садои Шарқ»-у «Адабиёт ва санъат» аз сохтмонҳои аср матолиби ҷолиб менависад, очеркҳои хондании ӯ дар бораи неругоҳҳои Норак, Роғун, Сарбанд зеби аксари донишномаву қомусҳои вижаи мост».

Нависанда бобати қиссаи «Нақби истиқлол»-и худ чунин қайд намуда: «Кӯҳи бовиқор, ки асрҳо боз побарҷост, дилашро ба инсон осон намекушояд. Вақте дили ӯро мешикофанд,ӯ ҳам ба саратон санг мерезад, об ҷорӣ мекунад ва ин дастбагиребонии сангу одам солҳо идома меёбад, то чунин нақбҳои чароғону ҳамвор сина боз кунанд».

Барои қиссаи «Нақби истиқлол» Бахтиёр Муртазоев ба Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ сазовор гашт. Қиссаи ҳуҷҷатиаш – «Ман чароғ афрӯхтам» соли 2008 ба Ҷоизаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ муносиб дониста шуд.

Қисмате аз асарҳои ӯ ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, қазоқӣ, озарӣ, литвонӣ, эстонӣ тарҷума чоп шудаанд.

Адиб ва публитсисти номвар ҳунари волои тарҷумонӣ дорад.

Соли 1964 ба аскарӣ гирифтанд. Лекин ҳамкориро ба рӯзномаҳо ғоибона давом медод. Ҳаққи қалам мефиристоданд. Дар яке аз хабарномаҳои почта сабт шуда буд: «35 сӯму 7 тин». Ҳамхидматон гумон карданд маблағро падараш фиристода. Ҳайрон шуданд: «Падар бароят тин ҳам фиристодааст!» Баъди фаҳмидани ҳақиқати ҳол афсаре шӯхиомез гуфт: «Ту ба аскарӣ не, ба сафари хидматӣ омадаӣ!»

Баъди бозгашт аз артиш дар «Комсомоли Тоҷикистон» фаъолияташро давом дод. Соли 1969 бо роҳхати Вазорати нақлиёти Иттиҳоди Шӯравӣ ба сифати тарҷумон гурӯҳи роҳсозон ба Афғонистон рафт. Дар ҳамон ҷо, фориғ аз хидмат, ба тарҷумаи «Сурх ва сиёҳ»-и Стендал шурӯъ намуд... Баъди ба Тоҷикистон баргаштанаш, дар миёнаи солҳои ҳафтодум, тарҷумаи романи «Сурх ва сиёҳ», ки онро «Вақоеъномаи асри XIX» меноманд, бо 10 ҳазор нусха аз тариқи нашриёти «Ирфон» чоп гашт.

Бахтиёр Муртазоев то он дам чандин ҳикоёти адибони барҷастаи дунёро ба тоҷикӣ баргардонда ва дар ин самт то андозае таҷриба ғун карда буд. Ҳанӯз соли аввали кор дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» тарҷумаи повести «Роҳи каҳкашон»-и Чингиз Айтматовро ба вай супурда буданд. Ӯҳда кард. Ба тарҷумаи тоҷикии «Сурх ва сиёҳ» баҳои муносиб доданд. Аз ҷумла, тарҷумони касбӣ Шамсӣ Собир ва нависандаи барҷаста Сотим Улуғзода қалами расо ва маҳорати хуби мутарҷимии Бахтиёри Муртазоро эътироф кардаанд. Дар охирсухани бознашри «Сурх ва сиёҳ» (Душанбе, 2025) нависанда Азизи Азиз навиштааст «Эътирофи Улуғзода баҳои баландтарин буд...»

Вақте дар бораи мактаби тарҷумонии адабиёти тоҷик сухан рафт, дар қатори Раҳим Ҳошим, Шариф Шараф, Шамсӣ Собир, Абдулло Зокир, Нусур Холмуҳаммад, Аслам Адҳам ва ҳамтоёни онҳо, ки беҳтарин мутарҷимҳоянд, номи устод Бахтиёр Муртазоев ба забон оварда мешавад.

Зикршуда «Садбарги зарин» ном асари Константин Паустовскийро низ устодона ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Мегӯянд ин чеҳраи намоёни насри имрӯзаи тоҷик аз хурдсолӣ ба шеър низ сарукор дошт. Дар мактабхонию донишҷӯйӣ шеърҳои зиёд, аз ҷумла достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомиро азёд медонист. Чанд муддат дар донишгоҳ ӯву Аслам Адҳам ҳамроҳ хонда будаанд. Нақл ҳаст, ки баробар бо Шарифҷон Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Додоҷон Тоҷиев, Соҳиб Табаров барин донишмандони тоҷик нахустин сабақҳо аз арӯзро ба Аслам Адҳад Бахтиёр Муртазоев додааст.

Хидматҳои шоёни Бахтиёр Муртазоев дар равнақи адабиёт ва фарҳанг аз ҷониби роҳбарияти Тоҷикистон муносиб қадрдонӣ гашт. Ӯ Корманди шоиста, Аълочии матбуоти Тоҷикистон, соҳиби чандин медалҳои ҷангиву меҳнатист.

Бо фармони Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2021 ба Бахтиёр Муртазоев унвони баланди Нависандаи халқии Тоҷикистон дода шуд.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

***Синдроми Даун бемории модарзодӣ буда, бо дараҷаҳои гуногуни заъфи ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдакон тавсиф мешавад.***
***Аз маълумоти муътамад бармеояд, ки ин касалӣ дар яке аз ҳар 650 кӯдак мавҷуд аст. Беморӣ соли 1866 ба шарафи духтури англис Ҷон Даун, ки нишонаҳои ин синдромро аввалин шуда кашф карда буд, номгузорӣ шудааст. Аз афзоиши миқдори хромосомаҳо ба вуҷуд омадани он соли 1959 аз ҷониби генетики фаронсавӣ Жером Лежен собит гардид.***

# ТОЗАГӢ ГАРАВИ САЛОМАТИСТ

## *ё пешгирӣ аз заъф*

Дар натиҷаи тадқиқоти чандинсола вобастагии синдроми Даун аз синну соли модар муайян карда шуд. Яъне мушаххас гардид, ки синни миёнаи модари кӯдакони бо ин синдром таваллудшуда 33 сол аст. Аммо кӯдакони гирифтори синдроми Даун аз модарони 19 сола низ таваллуд мешаванд.

Аз соли 2006 инҷониб, 21 март ҳамчун Рӯзи кӯдакони гирифтори синдроми Даун қайд карда мешавад. Ин сана беҳуда интихоб нашудааст.

Мо бо мутахассиси соҳа – шифокори Беморхонаи марказии бисёрсоҳавии табобати кӯдакони вилояти Намангон, руҳшинос Эркинҷон Бозоров оид ба синдроми Даун, аломатҳои он, роҳҳои пешгирӣ ва табобати беморӣ суҳбат кардем.

– Дар маркази тиббии скринингии вилоят мутахассисони соҳаи генетика бо воситаҳои махсуси техникӣ занони ҳомиларо аз тафтиш мегузаронанд. Асосан дар ҷараёни санҷишҳо мавҷудияти ин беморӣ маълум мешавад.

Дар чунин беморон паталогияҳои зерин: атрезияи дувоздаҳангушта (басташавӣ), варам кардани гурдаҳо, кӯтоҳ шудани дасту пойҳо, норасоии инкишофи панҷаҳо, нуқсонҳои модарзодии дил, гипотелоризм (кам шудани масофаи байни чашмҳо), фишори косахонаи сар мушоҳида мешаванд, – мегӯяд Эркинҷон Бозоров.

**– Оё ин беморӣ имрӯз низ вуҷуд дорад?**

– Айни замон бинобар рушди тиббиёт муайян кардани синдроми Даун ҳанӯз дар бачадон имконпазир аст. Вале ба сабаби дар баъзе беморхонаҳо набудани технологияҳои замонавӣ, мутахассисони бомалака ё аз сабаби сари вақт аз муоинаи тиббӣ нагузаштани занони ҳомила он то ҳол мушоҳида мешавад.

**– Муолиҷаи чунин модарон оё имконпазир аст?**

– Беморони ба синдроми Даун гирифтор дар тӯли тамоми ҳаёташон ба муоинаи махсуси тиббӣ эҳтиёҷ доранд. Дар ҳамаи кӯдакон дараҷаҳои гуногунии ақибмонии рӯҳӣ ҳаст. Кӯдакони гирифтори ин беморӣ тамоми умр чун кӯдак мемонанд. Онҳо зоҳиран ҳамеша шоду хандонанд, вале ба саробон эҳтиёҷ доранд. Аз ин ҷост, ки онҳоро «кӯдакони хуршедӣ» меноманд ва онҳо 30-40 сол умр мебинанд.

**– Чунин беморон оё таҳсил гирифта метавонанд?**

– Оре, баъзеи онҳо метавонанд хонанд, нависанд ва вазифаҳои одиро иҷро кунанд. Баъзеи дигар ин корҳоро танҳо таҳти назорати калонсолон иҷро мекунанд. Онҳо метавонанд дар гурӯҳҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ, ки дар муассисаҳои таълими томактабӣ ташкил шудаанд, таҳсил кунанд. Баъдтар дар мактабҳои махсус мувофиқи барнома оид ба ақибмонии рӯҳӣ таълим мегиранд. Мақсад аз таълими беморони синдроми Даун ба онҳо омӯзондани сабақи худкифоӣ ва баъдан кумакрасонӣ барои дар ҷомеа ҷойи худро пайдо кардани онҳост.

**– Оё ба онҳо ба ҳаракатҳои ҷисмонӣ машғул шудан, бо ҳамсолони худ бозӣ кардан ё дар мусобиқаҳо иштирок намудан мумкин аст?**

– Фаъолияти ҷисмонии онҳо хеле маҳдуд ва сода аст. Аз ҷумла, бозӣ дар иҳотаи ҳамсолон қобили қабул нест, зеро онҳо муносибатҳоро дарк намекунанд ва дар нақши тамошобини одӣ мемонанд.

**– Ба модарони оянда ё ҳомила чӣ маслиҳат медиҳед?**

– Онҳо, пеш аз ҳама, бояд ба гигиенаи тиббӣ риоя ва мувофиқи он амал кунанд. Сабаби пайдошавии бемории синдроми Даун, асосан ба тозагиву озодагӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳар ҷуфт, яъне зану шавҳар бояд ба қоидаҳои тозагӣ қатъиян риоя кунанд.

**– Барои суҳбати пурмазмуну муфид ташаккур.**

– Саломат бошед.

Суҳбаторо

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# САРНАВИШТ ВА ШУКӮҲИ ҚАСРИ МАДАНИЯТИ ВАРЗИК

***Қасри маданият ё Коҳи фарҳанг маъвоест, ки дар он мардум бобати масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, илмию тамошои анҷуманҳои фарҳангӣ, эҷодӣ, ҳунарӣ, варзишӣ ва ғайра ҷамъ меоянд, он ҳамчунин маскани омӯзиши илму ҳунар, бахусус, барои наврасону ҷавонон аст.***

Чунин қасри фарҳанг ҳанӯз соли 1962 дар маркази деҳаи Варзики ноҳияи Чуст сохта шуда, барои ихлосмандони фарҳангу санъат дари худро боз карда буд. Он замон вай дар ҳудуди ноҳия ягонаю беҳамто маҳсуб меёфт. Мардум онро кӯтоҳак «клуб» мегуфтанд.

Клуби варзикиён, ғайри маҷлисгоҳ, боз китобхона, кабинетҳои корӣ, хонаҳои махсус барои маҳфилу машғулиятҳо ва дигар утоқҳои иловагӣ дорад.

Сараввал дар он асосан кино намоиш медоданд, маҷлисҳои шӯрои деҳа, раёсати хоҷагии ҷамоавӣ, чорабиниҳои мактабӣ, (деҳа дорои чор маърифатгоҳи таълимӣ аст) иду маросимҳо баргузор мешуданд. Ин ҷо бояд зикр кард, ки ноҳияи Чуст дар вилоят ва деҳаи Варзик дар ноҳия бо шоиру нависандагон ва санъаткорони маданиятдӯст шинохта шудаанд. Аз ин рӯ, ҷамоаи гурӯҳҳои санъату ҳунари Ӯзбекистону Тоҷикистон бо сафари ҳунарӣ нахуст ба Варзик омада, дар ҳамин клуб барои тамошобинон намоишҳо ва санъати худро пешкаш менамуданд.

Клуб баъди таъмиру тармими пурра дубора ба кор сар кард. Расми кушоиши он панҷ сол муқаддам ба ҷашни Наврӯз рост омад. Дар он меҳмонон, намояндагони идораҳои ноҳия ва вилоят иштирок карданд.

Мо дар арафаи таҷлили имсолаи Наврӯз бо директори Қасри маданият Маҳбуба Йӯлдошева ҳамсуҳбат шудем.

– Ман зодаи Варзикам. Солҳои ҷавонӣ аз тариқи радиою телевизион суруду таронаҳои ҳунарпешаҳои машҳур Шоиста Муллоҷонова, Барно Исҳоқова, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷӯрабек Муродов, Шералӣ Ҷӯраев, Матлуба Дадабоева ва дигаронро бо завқ мешунидам. Сурудҳо, тарзи иҷро ва овози онҳо бағоят фораму дилрабо буданд. Ман онҳоро дар тадбирҳои мактабӣ замзама намуда, ба рақс ҳам медаромадам. Баъди хатми мактаб, бо орзую ҳавас таҳсилро дар шуъбаи мусиқии коллеҷи Намангон давом додам.

Фаъолияти меҳнатиамро дар қасри маданияти ҳамсоядеҳаи Ғаво сар кардам. Соли 2010 ба Варзик омадам. То бозсозии қасри маданият дар бинои собиқ шӯрои деҳа кор кардем, ман омӯзгор ва раҳбари маҳфили рақсу суруд будам.

Соли равон таҳсили ғоибонаро дар шуъбаи фолклорию этнографии Донишкадаи давлатии санъат ва маданияти Тошканд хатм хоҳам кард.

Инҷо бояд гуфт, ки барои дарёфти қиёфаи кунуниву обод шудани қасри маданиятамон саҳми мӯйсафедону собиқадорони меҳнат, ба хусус, Одилҷон Каримов, Муҳиддинҷон Шарифов, Ҳабибҷон Ғафуров, Назирҷон Эргашев ва дигарон хеле назаррас аст.

Алҳол қасри ободу зебои мо ба деҳа ҳусну шаҳомат мебахшад. Он зиёда аз 300 ҷойи нишаст дорад. 10 нафар ба кори доимӣ таъмин шуданд, ки дар соҳаҳои гуногун фаъолият мебаранд.

Дар қаср маҳфилҳои рақсу суруд, маҳорати актёрӣ, доира, таблак ва рубобнавозӣ амал мекунанд. Дастаи ҳунарии «Наврӯз» фаъол аст.

5 соли охир мо чорабиниҳои бузург, аз ҷумла, соли 2021-ум 110-солагии нависанда, драматург, адабиётшинос ва мутарҷими шуҳратёр, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамдеҳамон, устод Сотим Улуғзодаро баргузор кардем. Дар он баробари намояндагони ноҳияву вилояти худамон аз шаҳрҳои Фарғона, Тошканду Самарқанд, инчунин аз шаҳри Хуҷанду ноҳияи Ашти Тоҷикистон меҳмонон, вакилу роҳбарони баландмартаба, аз ҷумла, Сафири Фавқулодда ва Мухтори вақти Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода иштирок карданд.

Ин тадбир ба тантанаи дӯстиву бародарии ду ҷумҳурии ҳамсоя – Ӯзбекистону Тоҷикистон табдил ёфт.

Баъдан бинобар хоҳишу дархости ҳамсинфони собиқу дугонаҳо Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистону Тоҷикистон, барандаи мукофоти Гран-прии Ҷашнвораи байналмилалии мусиқии «Таронаҳои Шарқ», ҳамдеҳаи дигарамон Матлуба Дадабоева ташриф овард. Толор, роҳравҳои байни нишастгоҳҳо бо муштариёну меҳмонон пур шуданд. Консерт-мулоқот хеле хотирнишин гузашт.

Мо инчунин бисёр тадбирҳоро бо иштироки ҷамоаи мактаб, боғчаву кӯдакистон, маҳаллаҳо ва дигар созмонҳо мегузаронем. Меҳмононро низ қабул мекунем. Чанде муқаддам ҳунармандони Театри мусиқиву мазҳакавии Хуҷанд ба номи Камоли Хуҷандиро бо хушиву шодмонӣ пешвоз гирифтем. Онҳо ба тамошобинони мо «Азоби виҷдон» ном намоишномаро пешкаш карданд. Мухлисони адабиёту ҳунар аз он таассуроти хуш гирифтанд. Ҳоло намоишҳои ҳунариву бадеии худро ба шарафи Наврӯзи ҷаҳонӣ пешкаши ҳаводорон, санъатдӯстони Варзики овозадор мекунем. Меҳмонони Наврӯзро бо рӯҳбаландию меҳмоннавозӣ истиқбол мегирем.

Имсол, қасри маданияти мо 60 сола мешавад, ният дорем, ки аҳли деҳаро бо дастовардҳои худ шоду масрур намоем, – гуфт дар охир Маҳбуба Йӯлдошева

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# МАРКАЗҲОИ МИЛЛӢ – ГАҲВОРАИ АРЗИШҲОИ УМУМИБАШАРӢ

***Дар кишвари бисёрмиллати мо ҷиҳати ҳифзи анъанаҳои миллӣ, урфу одат ва арзишҳои миллии тамоми миллат ва халқиятҳо, таъмини бардавомии онҳо шароити зарурӣ офарида шудаанд. Аз ин боис дар мамлакатамон намояндагони миллатҳои гуногун дар муҳити якдилӣ, ҳамҷиҳативу ҳусни тафоҳум умр ба сар мебаранд.***



Алъон дар вилояти Самарқанд фаъолияти 11 маркази миллии маданӣ ба роҳ гузошта шудааст. Дар онҳо бинобар нигоҳ доштан ва равнақ додани мероси маънавии ғановатманди миллатҳо имкониятҳои васеъ мавҷуд. Хусусан, дар хонаи Дӯстии шаҳри Самарқанд барои марказҳои мадании миллӣ хонаҳои хидматӣ ҷудо карда шуда, дар осорхонае, ки фаъолият мебарад, либосҳои миллӣ ва ашёи таърихии 11 халқ маҳфуз дошта мешавад.

Аз ҷумла, Маркази миллӣ-мадании тоҷикон ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд соли 2004 ташкил гардида, дар даврае, ки гузашт, дар роҳи ҳифзи урфу одатҳои миллӣ, дастрас гардондани онҳо ба авлоди оянда ва мустаҳкам намудани дӯстии байни миллатҳо фаъолияти самаранок пеш бурда мешавад.




Назар ба таъкиди роҳбари марказ Шуҳрат Самадов, тоҷикону ӯзбекон аз қадим ақрабо ва дӯсти наздик буда, забон,урфу одат ва арзишҳояшон ҳамоҳангӣ касб намудааст. Аз ин боис, дар фаъолияти марказ низ таҳкими якдиливу ҳамҷиҳатӣ вазифаи устувор қарор гирифтааст.

Айни замон дар мамлакатамон чорабиниҳои ҷашни умумихалқии Наврӯз идома дорад. Аъзои марказ низ барои ба тарзи анъанаҳои хоси миллӣ қайд кардани Наврӯз ҳамаҷониба омодагӣ дидааст. Наврӯз ба сифати рӯзи бузурги муттаҳидкунандаи халқҳо, эъзози арзишҳо ва ҳамҷиҳатиро таҳкимбахшанда васеъ таҷлил мешавад.

***Дар суратҳо:*** *дар Маркази миллӣ-мадании тоҷикон ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).***




*Симои номварони таърих*

# НӮШЕРВОНИ ОДИЛ ВА БУЗУРГМЕҲР

*Қорун ҳалок шуд, ки чиҳил хона ганҷ дошт,*
*Нӯшервон намурд, ки номи накӯ гузошт.*
**Шайх САЪДӢ.**

Нӯшервон – Хусрави Анӯшервон – шоҳаншоҳи сулолаи Сосониён, мулаққаб ба Додгар, ки бистуякумин шоҳи сосонӣ буда, солҳои 531-579 ҳукумат рондааст, дар адабиёти бадеӣ (паҳлавӣ) ҳамчун шоҳи одилу раиятпарвар ва оқилу донишманд машҳур гардидааст. Асарҳои оид ба дини зардуштӣ, ки ба забони паҳлавӣ (форсии миёна) иншо шудаанд, номи ӯро ба одилӣ шуҳрат карданд. Туфайли тарҷумаи асарҳои паҳлавӣ ба забони арабӣ симои Нӯшервони одил ба осори муаррихони исломӣ низ ворид гардидааст. Симои ӯ ҳамчун шоҳи адолатпарвар, аз ҷумла дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ, «Қобуснома»-и Кайковус... тасвир шудааст.

Мувофиқи нақлу ривоятҳо Бузургмеҳр шахси оқилу доно ва бомаърифату хирадманд, ҳамеша ҷонибдори адолат ва ободии мулк будааст. Ӯ (вафоташ соли 590) дар аҳди сосониҳо умр ба сар бурда, вазири Нӯшервони одил будааст ва аз худ рисолае дар боби ахлоқу ҳикмату тарбия боқӣ гузоштааст.

Афсона, нақлу ривоят, қиссаю ҳикоятҳои хурди панду ахлоқӣ, латифаҳои зиёде мансуб ба Нӯшервон ва вазири ӯ – Бузургмеҳр ба эҷодиёти шифоҳӣ ва хаттии Арабу Аҷам роҳ ёфтаанд.

Инак, ба сифати намуна ҳикояте аз пурсиши Нӯшервон ва посухи Бузургмеҳр:

Овардаанд, ки Нӯшервон аслан одил набуда, балки золим будааст. Дар аҳди салтанати ӯ раият пароканда, мулк табоҳ мегардад. Бузургмеҳр вазири Нӯшервон таъйин ва аз пайи тараққию ободии мулку осудагии халоиқ мешавад.

Нӯшервон бо Бузургмеҳр ба мақсади шикор сафар мекунанд ва дар роҳ бисёр деҳаҳои вайрону харобро дида, дар ҳайрат мемонанд. Ҳангоми гузаштан аз як деҳаи хароб мебинанд, ки дар болои девори фарсудае ду ҷуғз бо ҳам мунозараю муноқаша доранд.

Нӯшервон ба вазир мефармояд:

– Ту забони мурғонро медонӣ, бигӯ, ки инҳо чӣ мегӯянд?

Бузургмеҳр пас аз гӯш кардани гуфтугӯйи мурғон ба Нӯшервон рӯй меоварад:

– Яке аз ҷуғзҳо писару дигараш духтар дорад. Соҳиби писар мехоҳад бо ҷуғзи духтардор аҳди хешӣ (қудоӣ) бандад. Соҳиби духтар ба ин розӣ нест ва шарт мегузорад, ки бар ивази хешӣ ба ман дувоздаҳ деҳаи харобгардидаро маҳр медиҳӣ. Соҳиби писар розӣ шуда мегӯяд, ки агар дар мамлакат Нӯшервон подшоҳу Бузургмеҳр вазир бошанд, дувоздаҳ не, балки дувоздаҳ ҳазор деҳаи вайронаю харобро медиҳам.

Нӯшервон, ки тафсилоти суҳбати мурғонро аз вазир шунид, мегӯяд:

– Зулму беадолатии ман танҳо ба халоиқ не, балки ба парандаҳои дашт ҳам асар кардааст. Аз он замон Нӯшервон аз зулм даст кашида, одилиро пеша кардааст ва то ҳадде амониро барқарор намудааст, ки гургу меш аз як ҷӯй об мехӯрдаанд. Баъд аз он ӯро Нӯшервони одил номидаанд.

Таҳияи
**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор**
**аз ноҳияи Фориш.**

# АНБАР ВА КИТИ КАБУД



***Мушку анбар ду намуди атри номии қадима мебошад, ки ба даст овардани он кори осон нест. Мушк аз оҳуи нарина гирифта мешавад. Анбар бошад, моддаест, ки тӯли солҳо дар меъдаи кит пайдо ва ҷамъ мешавад ва кит пеш аз марг онро тавассути даҳонаш мебарорад. Ин моддаи моеъ дар сатҳи об шакли булӯрин мегирад. Моҳигирон онро пайдо карда, аз моддаҳои нолозим тоза ва аз он атрҳои нодиру хушбӯву гаронбаҳо омода мекунанд.***

Бузургтарин ҳайвони сайёраи мо кити кабуд буда, то 200 тонна вазн дорад. Дарозии он ба 30 метр мерасад ва нафаси худро 90 дақиқа нигоҳ дошта метавонад.

Мегӯянд, ки кити кабуд наздикшавии марги худро ҳис мекунад. Аз ин рӯ, он садҳо километр аз макони худ шино карда ва қувваи охирини худро ҷамъ намуда, ба қабати чуқуртарини об ғӯта мезанад. Ин падида «афтодани кит» номида мешавад. Дар аввал, мормоҳӣ ва наҳангҳо, баъд кирмҳои хурд аз ҷасади кит ғизо мегиранд.

Пас аз муддати тӯлонӣ кирмҳои зомбӣ пайдо мешаванд. Онҳо аз худ туршӣ бароварда, устухони китро пора-пора мекунанд ва барои бактерияҳои симбиотикӣ шароит фароҳам меоранд, то ки чунин бактерияҳо аз равған ва сафедаҳои дохили устухон ғизо гиранд. Чунин бактерияҳо шароит фароҳам меоранд, ки дар атрофи скелети кит шаклҳои нави ҳаёт ба вуҷуд ояд. Дар натиҷа, дар қаъри уқёнус як экосистемаи пурра ба вуҷуд меояд, ки ин ҷараён то 100 сол идома меёбад. Ҷасади як кит 43 намуд ва наздик ба 12500 ҷонзодро ғизо медиҳад.

Таҳияи
**Н. НОДИРОВА.**

# РЕКОРДИ КАШИДАДӮЗОНИ НУРАТО

***Куҳаншаҳри ҳамешаҷавони Нурато алҳол бо Чашмаву оби шифобахши он, табиати рангин, қалъаву ёдгорӣ, ҳунарҳои мардумӣ шуҳрат дорад. Ҳар рӯз онро садҳо сайёҳони дохиливу хориҷӣ зиёрат мекунанд ва аз ин ҳама ҳусни деринаву нави он баҳра мебаранд, бо тарзи зиндагӣ ва фарҳанги моддию маънавии мардум шинос мешаванд. Дар ин ҷараён ҳунарҳои мардумӣ низ мавқеи хос доранд.***

Ҳунарҳои мардумӣ падидаи ҷолиб ва муассирест дар фарҳанги ҳар як халқу миллат. Кашидадӯзӣ аз ҷумлаи ҳунарҳои мардумӣ буда, навъҳои мухталиф: сӯзанӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, ҷомадӯзӣ, ҷорӯббофӣ, тоқидӯзӣ, кӯрпадӯзӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Он дар шаҳри Нурато таърихи қадима дорад. Манбаъҳо шаҳодат медиҳанд, ки ин ҳунар дар ин ҷо ҳам чун дар Бухорову Самарқанд, Қуқанду Тирмиз, Қашқадарёву Сурхондарё ташаккул ёфтааст. Маҳсулоти кашидадӯзӣ то солҳои 70-уми асри гузашта хеле маъмул буданд. Бо пайдо шудани мошинҳои дарздӯзӣ ин ҳунари мардумӣ мавқеи худро аз даст дод.

Мактаби кашидадӯзии Нурато намуна ва нишонаҳои хоси худро дорад. Ҳолдонҳо мегӯянд, ки дар он аз қадимулайём 700 нақши гулдӯзӣ маъмул будааст. Намунаҳои беҳтарину маъмултарини онҳо чун анор, аноргул, бодом, каҷак, барги бед, лола, маҷнунбед, тоҷи хурӯс, себарга, мори печон, моҳу ситора, гули шафтолу, гули зардолу ва ғайра то ҳол вуҷуд доранд. Ёд дорам, аввали солҳои 70-ум хоҳарбузургам биршимҳои (ришта, нах) рангоранг мехарид, то гулдӯзӣ кунад. Он аз нахи абрешим тайёр карда мешуд ва хеле маҳин буд. Он солҳо кашидадӯзӣ дар байни занон, ба хусус духтарон авҷ дошт.

Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ ба рушду ривоҷи ҳунарҳои мардумӣ дубора имконият ва шароити мусоид фароҳам овард. Кашидадӯзӣ чун як навъи санъат аз нав эҳё гардид. Онҳое, ки ин ҳунарро медонистанду таҷриба доштанд, корхонаҳои дӯзандагӣ таъсис доданд. Бисёр духтарони нуратоӣ дар Маркази таълими «Ҳунарманд» хонда, асрори дӯзандагиро омӯхтанд. Дар корхонаҳои дӯзандагӣ мактаби «Устод ва шогирд» ба роҳ монда шуд. Дар муддати кӯтоҳ корхонаҳои зиёди дӯзандагӣ ташкил шуданд ва бисёр занону духтарони хонанишинро бо шуғли доимӣ таъмин намуданд.

Саодат Файзиева, Зарринa Ҳамидова, Гулмира Усмонова, Шаҳноза Ботурова, Мунира Худойқулова, Фирӯза Амонова – ин аст номгӯйи мухтасари бонувоне, ки корхонаҳои кашидадӯзиву гулдӯзиро таъсис дода, имрӯз шуҳратёр шудаанд. Дар корхонаҳои ин соҳибкорон даҳҳо, ҳатто садҳо нафар занону духтарони нуратоӣ бо шуғли доимӣ таъмин гардидаанд. Маҳсулоти дасти онҳо бошад, нафақат дар бозори дохилӣ, балки берун аз он дар кишварҳои Руминия, Туркия, Қатар, Булғория, Фаронса, Тоҷикистон ва дигар мамолик харидорони худро доранд.

Кашидадӯзони нуратоӣ аксар бо фармоиши ҳамкорони хориҷӣ маҳсулот тайёр мекунанд. Дар ҳар як маҳсулоти дӯзандагӣ маҳорат ва диди рангини наққош, фалсафаи зиндагӣ, бадеият ва маҳорати дӯзанда таҷассум ёфтааст, яъне ҳар нақш маъно ва фалсафаи худро дорад.

Ба яке аз идомадиҳандагони ин ҳунари аҷдодӣ, узви раёсати Иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и вилояти Навоӣ, кашидадӯз, дорандаи медали «Шуҳрат» Баҳора Мамараҷабова дар ноҳияи Нурато фармоиш расид, ки бояд сӯзаниеро тайёр кунанд, ки андозааш 100 метри мураббаъ бошад. Иҷрои ин супориш ба корхонаи дӯзандагии Баҳора Ҳамидоваи нуратоӣ супорида шуд. Кашидадӯзон ин сӯзании бузургро дар давоми 9 моҳ ба анҷом расонданд. Онро 80 нафар тӯли се моҳ омода карданд ва 40 нафари дигар корҳои гулдӯзиро дар давоми шаш моҳ анҷом доданд. Барои ин сӯзанӣ 50 килограмм риштаи маҳин аз абрешими тоза истифода шуд.

Агар ин намунаи бузурги ҳунармандӣ ба «Китоби рекордҳои Гиннес» ворид шавад, ҷойи тааҷҷуб нахоҳад буд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯйӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Сафои май» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

## САФОИ МАЙ

Сӯфӣ, биё, ки ойина софист ҷомро,
То бингарӣ сафои майи лаълфомро.
Рози даруни парда зи риндони маст пурс,
К-ин ҳол нест зоҳиди олимақомро.
Анқо шикори кас нашавад, дом бозчин,
К-он ҷо ҳамеша бод ба даст аст домро.
Дар айши нақд кӯш, ки чун обхӯр намонд,
Одам биҳишт равзаи Доруссаломро.
Моро бар остони ту бас ҳаққи хидмат аст,
Эй хоҷа, бозбин ба тараҳҳум ғуломро.
Ҳофиз муриди ҷоми май аст, эй сабо, бирав
В-аз банда бандагӣ бирасон шайхи ҷомро.

Ба зоҳири афрод нигоҳ накун ва сафои ботини онҳоро бингар. Ҳар касе, ки иддаои самимият ва равнақ кунад, самимӣ ва донишдӯст нест, барои пешбурди корҳои бузург ба талош ва ҷустуҷӯйи фаровон ниёз ҳаст.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

# НАКӮКОРИ ГУНОҲКОР

Рӯзе буду рӯзгоре буд. Дар рӯзгори қадим пирамарди мусулмон ва донишманде дар Бухоро зиндагӣ мекард, ки ӯро Хоҷаи Бухороӣ меномиданд. Як рӯз Хоҷа молу сарвати худро ҳисоб карду дид, ки дороияш афзуда ва ба ҳадде расидааст, ки мутобиқи дастури дини мубини ислом, рафтан ба сафари ҳаҷ ва зиёрати хонаи каъба бар ӯ воҷиб аст. Ин буд, ки асбоби сафар омода кард ва ҳамроҳи қофилае ба сӯи Макка роҳ пеш гирифт.

Дар миёни қофила, даму дастгоҳу дороии Хоҷа аз дигарон дида намоён ва бештар буд. Чандин нафар хидматгор ҳамроҳ дошт ва беш аз сад шутур борҳои ӯро мекашиданд. Шутурҳою молҳое, ки дар ӯ буд, аз ҳама беҳтар буд ва шутурдорҳову сорбонҳо ҳам ба Хоҷаву ҳамроҳонаш бештар эҳтиром мегузоштанд, чунки Хоҷа марде донишманд буд ва пули зиёд харҷ мекард ва ҳар ҷо манзил мекарданд ва аз суфраи худ ба коркунони қофила шому наҳор медод ва иззату эҳтироми Хоҷа бар ҳама маълум буд.

Ҳамроҳи он қофила чанд нафар ҳам буданд, ки бо харҷи кам нияти ҳаҷ карда, бо дарвешиву қаноат рӯз мегузарониданд ва пиёда ҳамроҳи корвон мерафтанд.

Он рӯзҳо ба ҷуз шутур ҳеҷ василаи дигаре набуд, ки тавонад биёбонҳои беобуалафи Арабистонро тай кунад ва сафари ҳаҷ як сол тӯл мекашид. Ин ҳоҷиҳои дарвеш вақте ба наздикии сарзамини Ҳиҷоз расиданд, аз сахтии роҳу бепулӣ ва бехӯрокӣ дигар барояшон ҳол намонда буд.

Рӯзе, ки ҳоҷиҳо ба саҳрои Арафот расиданд, ҳаво хеле гарм буд ва яке аз ҳоҷиҳои дарвеш аз дидани нозу неъмате, ки Хоҷаи Бухороӣ дошт ва аз ранҷе, ки худаш таҳаммул мекард, ноороҳат шуда буд ва дар ҳоле ки пойҳояш аз пиёдаравӣ дигар тоби рафтан надошт ва лабҳояш аз ташнагӣ хушк шуда бошад, дилаш ба шӯр омаду рӯ ба Хоҷаи Бухороӣ кард ва аз тангдилӣ, ки дошт, гуфт:

– Мову ту ҳар ду ба ҳаҷ меравем. Аммо ту ба ин осудагию нозу неъмат ва мо бо ин сахтию шиддат ба хонаи Худо наздик мешавем. Оё тасаввур мекунӣ, савоби ту бо мо баробар хоҳад буд?

Хоҷа ҷавоб дод:

– На, ман ҳаргиз тасаввур намекунам, ки аҷри мо назди Худованд баробар бошад, агар чунин фикре мекардам, ин гармо ва роҳи дурро бар худ ҳамвор намекардам.

Дарвеш бо тааҷҷуб пурсид:

– Чаро? Ҳоло ту худатро аз мо беҳтар ҳам медонӣ?

Хоҷа гуфт:

– Бале, барои ин ки ман ба дастури Худо ва Қуръон амал мекунам ва ту бар хилофи дастур рафтор мекунӣ. Ба ман дастур додаанд, ба ҳаҷ биё ва ба ту дастур додаанд наё. Ман итоат кардам ва ту итоат накардӣ.

Дарвеш гуфт:

– Сухани аҷибе мешунавам?

Хоҷа гуфт:

– Иттифоқан, сухани дуруст мешунавӣ. Сафари ҳаҷ намоз нест, ки бар ҳама кас аз фақиру бой воҷиб бошад. Шарти сафари ҳаҷ, доштани имконияту тавоноӣ аст. Ман тавоноӣ ва имконият доштам ва бар ман воҷиб буд, ту тавоноӣ надоштӣ ва аз ин сахтӣ, ки мекашӣ, савобе намебарӣ.

Дарвеш гуфт:

– Ҳоло, илова бар ин, ки кӯмак намекунӣ, захми забон ҳам мезанӣ?

Хоҷа гуфт:

– На, ин захми забон нест, ҳақиқат аст. Ман ҳозирам то бозгашт ба ватан шуморо ба харҷи худ ҳамроҳ кунам, аммо дастури дин ҳамон аст, ки гуфтам. Ҳар коре шароите дорад ва ҳар дастуреро бар касе додаанд. Дар дини ислом рӯза воҷиб аст, аммо бар одами бемор ҳаром аст, аммо барои касе, ки аз гуруснагӣ мемирад ва ҳеҷ хӯроки дигаре надорад, ҳаром нест, итоати амри падару модар барои фарзанд вазифа аст, аммо итоати онон дар кори ҳарому гуноҳ ҳаром аст, ҳар дастуреро ба ҷои худаш додаанд ва барои ҳар кас дар ҳар ҳоле вазифае маълум кардаанд.

Дарвеш гуфт:

– Дуруст аст. Ҳоло дар ин ҷо бояд чӣ кунам?

Хоҷа гуфт:

– Ҳоло ман шуморо ба ватан мерасонам, аммо баъд аз ин аҳкоми исломро, он тавр ки дастур додаанд, амал кунед, на он тавр ки салиқае ва ҳаваси худатон аст. Ин ки мо баъзе аз дастурҳоро қабул дошта бошем ва баъзе дигарро ба салиқаи худамон тағйир бидиҳем, дин несту мусулмонӣ нест. Бихонед, бипурсед, ёд бигиред ва он вақт амал кунед, то корҳои шумо ба ҷои сарфарозӣ шармандагӣ ба бор наёварад.

**Аз «Қобуснома»-и**
**У. КАЙКОВУС**
**таҳияи Маҳдии ОЗАРИЯЗДӢ.**

*Акси садо*

# «САНДАЛӢ ШИФОБАХШ АСТ» ВА БОЗ...

***Вожаҳои «сандал» ва ҳам «сандалӣ» чанд омоним дошта, онҳо бо чанд маъно кор фармуда мешаванд. Мо дар ин ҷо ба калимаи «сандалӣ» ва худи он, ки ҷиҳози гармшавист, равшанӣ меандозем.***

Вожаи «сандалӣ» дар луғат: I. Номи шаҳре дар Ҳиндустон дар «Шоҳнома»-и устод Фирдавсӣ. II. 1. Чорпоя барои нишастан, курсӣ. 2. Чорпояи махсус, ки ба болои лахча гузошта, ба рӯяш кӯрпа партофта, ба гирди он менишинанд.

Аз он даме, ки мо худро медонем, сандалӣ чун василаи гармӣ мавҷуд буд. Гирди аловдони онро «гурбадавак» ва байни пояҳои сандалиро «кодок» мегуфтанд. Се сӯйи даруни сандалии мо поймонаки аз тахтаи нафису камбар дошт. Қисми пойгоҳи он барои осонии лахчаандозию хокистаргирӣ поймонак надошт. Ғайр аз ин, ба ин ҷо, лаби лахча барои гармнигоҳдорӣ дар зарфҳо чой, хӯрок ва обдаста мегузоштанд, – менависад Алимурод Темиров дар мақолаи худ «Сандалӣ шифобахш аст» («Овози тоҷик», №7, 24.01.2026), ки дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» чоп шуда буд. Пойгоҳи холии сандалӣ ҷойи қароргирӣ ва гармшавии гурба ҳам буд. Устоёни дуредгару ҳаваскорон сандалиро инчунин аз чӯби сафедор, қарағай ва дигар дарахтон месохтанд.

Аз сандалӣ дар фасли зимистон, инчунин дар охири тирамоҳ ва аввали баҳор, ки дар муҳити мо шабу саҳар ҳаво хунук меояд, истифода мебурдем ва мебарем. Хонаи оташдону сандалидор аз ҳама хонаи гарм ва дӯстдоштаи мо, калону хурд, буд. Меҳмон ҳам дар гирди сандалӣ нишастанро афзал медонист. Суҳбати онҳо чун сандалӣ метасфид. Тасфи сандалиро лахчаи ҳезуми зардолую тут бешу бардавом нигоҳ медошт. Мо, бачагон, низ мисли калонсолон дар атрофи сандалӣ гуфтугӯ мекардем. Чою хӯрок мехӯрдем. Ба дарсҳо омодагӣ медидем. Лаҳзаҳои фориғро бо тамошои ҷаҳоннамо, нақли афсона, ҳикояю саргузаштҳои шавқовар мегузарондем. Он давр, инчунин афсонаи миллии мо «Ҳафт додарон» боз машҳур гашта, даҳон ба даҳон мешуд.

Ба туфайли гармию шифобахшии сандалӣ касе аз баъзе дардҳо арзу шикоят намекард. Мабодо, гирифтори беморие, билхоса, сармохӯрӣ бошад, сандалӣ сар то пойи онро шифо мебахшид.

Сандалиро ҳамчун мизу курсӣ фоиданок гуфтан мумкин аст. Ба замоне расидем, ки воситаҳои гармидиҳию гармшавӣ бо қувваи барқ ё газ рушд ёфта, онҳо оташдону сандалиро аз байн бурданд. Ин мероси ниёгон то ҳол дар хонаю ошхонаи баъзе сокинон боқӣ мондааст.

Муаллиф Алимурод Темиров аз ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро дар маводи хеш дар боби сандалӣ маълумоти бою равшан дода, инчунин нигоштааст: «Имрӯзҳо азбаски ҳезум, дарахти тут ва саксавул кам мондааст, дар сандалӣ ба ҷойи алав плитаи барқро мегузоранд, ки ин нисбати оташ камташвиштар аст».

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 2071. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.